**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**
**ба диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шудани номҳои хос ё ба истилоҳ “Ономастика” дар даврони соҳибистиқлолии кишвар муҳиммияти бештареро касб кард ва айни ҳол ба масъалаи ному номгузорӣ диққати ҷиддӣ равона гардидааст. Мусаллам аст, ки мавриди пажуҳиш қарор дода шудани номҳои хос, бахусус, номвожҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар осори адибони адабиёти классикии форсу тоҷик натанҳо ба соҳаи номшиносӣ такони тоза мебахшад, балки ба паҳлуҳои гуногуну норавшани таърих, этнография, ҷуғрофия, фарҳангу маданият, адабиёту санъат, ҳунармандиву меъморӣ, шаҳрсозиву муносибатҳои байнидавлатӣ таъсиргузор мебошад. Зеро номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи қавӣ дошта, ин унсурҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) забони модариамон гардидаанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки аз солҳои 70-80-уми асри гузашта шурӯъ карда, зери таъсири муҳаққиқони номшиноси рус олимони тоҷик низ ба ин бахши илми забоншиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва ба омӯзиши ҷиддии номшиносии тоҷик камар бастанд. Р.Х. Додихудоев, О. Ғафуров, Ф. Абдулло, М. Қосимова аз аввалинҳо буданд, ки паҳлуҳои гуногун ва қисматҳои ономастикаро дар доираи кори таҳқиқотӣ ва мақолаҳои илмӣ мавриди пажуҳиш қарор доданд. Минбаъд насли дигари ономастикашиносони тоҷик, аз қабили: А. Девонақулов, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, Р. Шоев, А. Абдунабиев, А. Мирбобоев ба пажуҳиши номшиносии тоҷик пардохтанд ва дар баробари таҳлилу баррасии номвожаҳо, ҳамзамон, шогирдони зиёдро ба омӯзиши ономастика талқин намуданд. Ин аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии давлат олимони ҷавон, ба монанди: М. Аюбова, С. Абодуллоева, Б. Тураев, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, Э. Давлатов, С. Холиқназарова, Ҷ. Темуров, Ҳ. Элназарова, Шаҳбози Р., Саидов М., Давлатова Ф. ва дигарон рӯ ба ин илм оварданд ва корҳои назаррасеро таҳти роҳбарии олимони соҳа ба анҷом расониданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, омӯзишу таҳқиқи номҳои ҷуғрофӣ ё худ топонимика басо кори муҳим ба шумор меравад ва бо дарки ин масъулият ва **муҳиммияти мавзуъ** Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандиро аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохторӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст. **Навгонии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ба таври низомнок мавриди пажуҳиш

қарор дода шудааст ва дорои **аҳаммияти илмию амалӣ** мебошад. Зеро маводди ҷамъовардаи муаллифро метавон дар таҳияи луғатномаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ, дар курсҳои лексионӣ барои ихтисосмандон, дар таҳлил ва шарҳу маънидод намудани масъалаҳои гуногуни решашиносӣ, калимасозӣ ва дигар қисматҳои забоншиносӣ мавриди истифода қарор дод. Дисертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович, ки ба масъалаи таҳқиқи лексикию семантикӣ сохтории номвожаҳои ҷуғрофии "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ бахшида шудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Таҳлилу натиҷагирӣ, пажуҳишу хулосаҳо ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Бо назардошти ин нуктаҳо бояд иброз дошт, ки мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант вогузоршуда ҳалли худро ёфтаанд ва диссертатсияи Файзуллоев А.А. таҳти унвони "Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ" кори анҷомёфтбаи илмӣ ба шумор рафта, барои барраси ва дифоъ тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон,
муовини ректор оид ба тарбия ва
фарҳанги ДДТХ Қурбонмамадов С.Х.

**Имзои Қурбонмамадов С.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Асоев С.П.

Имзои
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Сардори шуъбаи кадрҳо

**Нишонӣ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф 3.
Тел: (+992) 93 516 01 48.
E-mail: somon8383@mail.ru.

"12" январи соли 2024